«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С.
______________________
«__» ______________2024 с.

# ХУЛОСАИ

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба рисолаи номзадии Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.**

Диссертатсияи Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ омода шудааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2020-2025» омода гардидааст.

Мутобиқи м.44 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи табиат, дар қатори ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст. Солҳои охир вобаста ба бад шудани сифати муҳити зист масъалаҳои мубориза бо ҷиноятҳои экологӣ, аз ҷумла бо ҷинояти ифлос намудани об ҳар чӣ бештар муҳимм мебошад.

Аз сабаби он, ки ҳифзи об вобаста ба алоқамандии захираҳои табиии об бо дигар қисмҳои табиат: замин, сарватҳои зеризаминӣ,

ҷангал, олами набототу ҳайвонот ба амал меояд, талаботи қонунгузории об бояд дар дигар қонунҳо оид ба захираҳои табиӣ низ ҷой дошта шавад. Пеш аз ҳама мазмуни меъёрҳои ҳифзи об бояд дар сарчашмаи асосии ҳуқуқи об - дар Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода карда шавад. Механизми ҳифзи ҳуқуқии об бояд ба муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёбад, ки об дар баробари дигар сарватҳои табиӣ моликияти истисноии давлат буда, таҳти ҳифзи махсуси давлат қарор дорад.

Захираҳои оби Тоҷикистон дар дарёҳо, кӯлу обанборҳо, пиряххо ва дар намуди обҳои зеризаминӣ дар қаърҳои гуногун аз сатҳи замин ҷойгиранд.

Воситаи ҳуқуқии ҳифзи об дар нигоҳ доштани сифати обҳои табиӣ нақши муҳим дорад. Маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқие, ки барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо истифода мешаванд, ҳифзи ҳуқуқии обро ташкил медиҳанд. Ба ин воситаҳо қабул ва татбиқ намудани қонунҳои дахлдор ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ, муқаррар намудани манъу иҷозат, иҷрои ҳамаҷонибаи талаботи қонун оид ба ҳифзи об, назорат аз болои риояи онҳо ва татбиқи чораҳои ҳуқуқӣ ҳангоми вайрон кардани онҳо дохил мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон об барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти нӯшиданӣ ва маишӣ, обёрӣ, истеҳсоли қувваи барқ, саноат ва ғайра истифода гардида, ифлос, олуда кардани об ё ин ки кам кардани захираҳои об ё бад кардани сифати он метавонад ба ҷамъият хавфҳои гуногун дошта бошад. Чунин оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок мумкин аст дар намуди расонидани зарар ба олами наботот ва ҳайвонот, ҷангалзор, соҳаи кишоварӣ ва ғайра зоҳир гардад. Хавфнокии бештари чунин ҷиноят дар он ифода мегардад, ки он метавонад боиси бемории саросари одамон ва марги онҳо гардад.

Ҳифз ва оқилона истифода намудани захираҳои обӣ яке аз масъалаҳои муҳиме ба ҳисоб меравад, ки дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад.

Барқарор намудани муҳити зисти муътадил пас аз таъсири манфии хоҷагидории инсон ба он мушкил мебошад.

Муносибати беэътиноёна ба табиат метавонад боиси фалокатҳои экологӣ гарида шароити мусоиди муҳити зисти инсонро халалдор намуда ба оқибатҳо дар намуди таъсири манфӣ ба саломатии одамон, афзоиши бемориҳои сироятӣ, бемориҳои ирсӣ ва ғайра гардад.

Масъали ҳифз ва тоза нигоҳ доштани муҳити зист, аз ҷумла тоза ва оқилона истифода бурдани захираҳои обӣ на танҳо барои як давлат балки метавонад ба манфиати якчанд давлатҳо дахл дошта бошад.

**Об неъматаест, ки барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти нӯшиданӣ ва маишӣ, обёрӣ, истеҳсоли қувваи барқ, саноат ва ғайра истифода гардида, ифлос, олуда кардани он ё ин ки кам кардани захираҳои об ё бад кардани сифати он метавонад ба ҷамъият хавфҳои гуногун дошта бошад. Чунин оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок мумкин аст дар намуди расонидани зарар ба олами наботот ва ҳайвонот, ҷангалзор, соҳаи кишоварӣ ва ғайра зоҳир гардад.**

**Тақрибан 70% рӯйи сайёраро захираҳои обӣ ташкил медиҳад, вале аз ин ҳисоб танҳо 2,5% - и он оби нӯшокӣ ба ҳисоб рафта, барои инсон танҳо** 0.3% захираҳои ҷаҳонии оби нӯшокӣ дастрас мебошад. Бо зиёд шудани шумораи аҳолӣ ва гармшавии иқлим рӯз то рӯз инсоният ба масъалаи норасонии об, ба хусус оби босифат рубару мегардад.

Дар байни давлатҳои ҷаҳон Тоҷикистон давлате мебошад, ки дорои захираҳои бойи обӣ мебошад.

Вале дар истифодаи босамар ва оқилонаи об, таъмин намудани сифати он то ҳол мушкилиҳои муайян ҷой доранд.

Дар робита бо ин бояд зикр кард, ки моҳи 11 июни соли 2024 дар шаҳри Душанбе бо иштироки намояндагони воломақоми давлату ҳукуматҳои кишварҳои аъзои СММ, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, 2018-2028” багузор гардид, ки ин низ аз талошҳои Ҳукумати ҶТ дар самти ҳифз ва истифодаи босамари об шаҳодат медиҳад. Дар Конференсияи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуда баён доштанд, ки “Тоҷикистон, бо вуҷуди он ки дорои захираҳои фаровони оби тоза, аз ҷумла пиряххо, кӯлҳо ва дарёҳост, ба мушкилиҳои марбут ба об таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Аз ин лиҳоз, мавзӯи захираҳои об, истифодаи оқилона ва устувори онҳо яке аз авлавиятҳои сиёсати давлати мо муайян гардидааст”[1].

---

[1] Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, 2018-2028” аз 11 июни соли 2024 // http://www.president.tj/node/33617

Бояд зикр намуд, ки қариб аксари давлатҳои Осиёи Марказӣ аз захираҳои пурарзиши обии Тоҷикистон вобастагӣ дошта, аз ин лиҳоз ҳифз ва тоза нигоҳ доштани он аҳамияти минтақавӣ дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 таъкид намуданд, ки "Гармшавии ҳарорати сайёра ва оқибатҳои манфии он – камобӣ, хушксолии паёпай ва дигар офатҳои табиӣ, аз ҷумла сардии бесобиқаи зимистони гузашта, яъне торафт бад шудани ҳолати муҳити зисти инсоният, илова бар ин, ки боиси торафт вазнин шудани таъминот бо маводи ғизоӣ ва оби босифати нӯшокӣ дар бисёр кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон гардида истодааст, ба паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва торафт устувор гардидани муқовимати воситаҳои доруворӣи мавҷуда бар зидди вируси чунин бемориҳо мусоидат карда истодааст.

Бинобар ин, аҳли башар, аз ҷумла мо маҷбур ҳастем, ки барои ислоҳи вазъи ногувори муҳити зист ва пешгирӣ кардани харобшавии минбаъдаи он, дар навбати аввал, бо роҳи ҷиддан кам кардани партови газҳои гулхонаӣ, ниҳолшинониву кабудизоркунӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об, яъне ба хотири наҷоти табиат ва инсоният тадбирҳои бетаъхир ва муассир андешад".

Ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об низ ҳамеша мавриди дастгирии ҷомеаи байналмилалӣ қарор гирифтаанд, ки ин амр дар болоравӣ ва афзудани обрӯву эътибори Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ нақши муҳим бозидааст. Ин аст, ки имрӯз муҳокима ва баррасии тамоми масъалаҳои марбут ба мудирияти захираҳои об, тарҳрезии талошҳои байналмилалӣ барои ҳалли мушкилоти таъмини дастрасии ҳамагонӣ ба оби тозаи ошомиданӣ ва роҳандозии ҳамкорӣ дар ҳамаи сатҳҳо бо иштироки фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегиранд.

Эълон гардидани соли 2003 соли байналмилалии оби тоза, солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» бо пешниҳод ва ташабуссҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифтааст.

Ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ бо қарори Ҳукумати ҶТ ба Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дохил карда шудаанд.

Бо мақсади самаранок истифода бурдан ва ҳифз намудани об дар Тоҷикистон солҳои охир қонунгузорӣ дар соҳаи об низ ба тағйиротҳои ҷиддӣ дучор шуда, бо ин мақсад соли 2019 Қонун «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов» **қабул гардидааст. Соли 2020 бошад** бо назардошти талаботҳои дар соҳаи об мавҷудбуда Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардиданд.

Дар масъалаи таъмини ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла ҳифзи захираҳои обӣ нақши Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ назаррас мебошад.

Зеро Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи муҳити зистро аз таҷовузҳои ҷиноятӣ ба сифати яке аз вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ(қ.1 м.2 КҶ ҶТ) номбар намудааст.

Дар м.226 КҶ ҶТ бошад бевосита ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос намудани об муқаррар шудааст.

Омузиши маълумотҳои оморӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2021 – 175, 2022 – 181, 2023 – 147 ҷиноят ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист ба қайд гирифта шуда, аз ин шумора ҷинояти ифлос кардани об дар соли 2021 – 0,6 %, 2022 – 1,1%, 2023 – 0,7 %-ро ташкил додааст.

Дар 12 соли охир 22 ҷинояти ифлос кардани об, вобаста ба м.226 КҶ ҶТ ба қайд гирифта шуда, мавриди тафтиш қарор дода шудааст (соли 2011 – 4 ҷиноят, соли 2012 – 1 ҷиноят, соли 2013 – 1 ҷиноят, соли 2015 – 4 ҷиноят, соли 2016 – 2 ҷиноят, соли 2019 – 4 ҷиноят, соли 2020 – 2 ҷиноят, соли 2021 – 1 ҷиноят, соли 2022 – 2 ҷиноят, соли 2023 – 1 ҷиноят).

Шумораи ками ба қайд гирифта шудани ҷинояти ифлос кардани оБ онро ифода наменамояд, ки чунин кирдорҳо дар Тоҷикистон кам содир мешаванд.

Ҳолатҳои камтар ба қайд гирифта шуданиј ҷинояти ифлос намудани об дар он аст, ки диспозитсияи қ.1 м.226 КҶ ҶТ таркиб бо преюдитсияи маъмуриро пешбинӣ намуда, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин кирдор танҳо дар давоми соли баъд аз татбиқи ҷазои маъмурӣ ба вуҷуд меояд.

Ғайр аз ин бояд зикр намуд, ки ба муҳим шуморида шудани ҳифзи муҳити зист ва захираҳои об нигоҳ накарда дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ, Барномаи давлатии муқовимат бо ҷиноятКорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 дар бораи ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист муқаррароте ҷой надорад, дар Нақшаи чорабиниҳо вобаста ба амалӣ намудани ин Барнома низ ҷиҳати мубориза бо ҷиноятҳои экологӣ, аз ҷумла ифлос кардани об ягон чорабинии мушаххас пешбинӣ нашудааст.

Ҳол он ки пешгирии ҷиноятҳои экологӣ, хусусан ҷинояти ифлос кардани об андешидани чораҳои таъхирнопазирро талаб месозанд, зеро бо бо ифлос кардани об зарар на танҳо ба муҳити зист, балки ба инсоният, олами набототу ҳайвонот расида он метавонад, ба оқибатҳои дигари ногувор оварда расонад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло айни замон такмил додани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои ҷинояти ифлос намудани об муқаррар месозанд бо мақсади босамар татбиқ намудани он ҷой дорад.

Таҳқиқоти мазкури диссертатсионӣ ба баррасии маҷмуии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани он бахшида шудааст

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот низ бо зарурати тавассути меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ҳифз намудани захираҳои обӣ муайян мегардад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 14 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 8 адади онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Абдуллозода, Б.В. Мушкилоти муайян намудани тарафи объективии ифлос кардани ҳифзи ҳуқуқии он мувофиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.В. Абдуллозода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ). – 2021. – №2 (22). – С. 198-203; ISSN 2414 9217.
2. Абдуллозода, Б.В. Хусусиятҳои объект ва предмети ҷинояти ифлос кардани об [Матн] / Б.В. Абдуллозода // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №4 (48), – С. 127-132; ISSN 2410-2903.
3. Абдуллозода, Б.В. Ташаккул ва рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон оид ба ҳифзи об аз ифлосшавӣ [Матн] / Б.В. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №10. – Қисми II. – С. 213-218; ISSN 2413-5151.

4. Абдуллозода, Б.В. Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷинояти ифлос кардани об [Матн] / Б.В. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №11. – С. 251-255; ISSN 2413-5151.

5. Абдуллозода, Б.В. Ҷанбаҳои хукуқии байналмилалии ҳифзи об аз ифлосшавӣ [Матн] / Б.В. Абдуллозода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ). – 2023. – №4 (32). – С. 212-221; ISSN 2414 9217.

6. Сафарзода, А.И., Абдуллозода, Б.В. Таҳлили муқоисавии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар кишварҳои ИДМ [Матн] / А.И. Сафарзода, Б.В. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №1. – С. 217-223; ISSN 2413-5151.

7. Абдуллозода, Б.В. Оид ба татбиқи институти преюдитсияи маъмурӣ нисбат ба ҷинояти ифлос намудани об дар қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.В. Абдуллозода // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2024. – №1 (53), – С. 187-193; ISSN 2410-2903.

8. Абдуллозода, Б.В. Масъалаи умумӣ-назариявии эътироф намудани шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷинояти ифлос кардани об [Матн] / Б.В. Абдуллозода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ). – 2024. – №1 (33). – С. 226-236; ISSN 2414 9217.

II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

1. Абдуллозода, Б.В. Сафарзода, А.А. Таносуби ҷавобгарии ҷиноятӣ бо дигар намудҳои ҷавобгарӣ [Матн] / Б.В. Абдуллозода, А.А. Сафарзода // Маводи конференсияи чумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Роҳҳои муосири мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон». – Душанбе, 2021. – С. 251-263.

2. Абдуллозода, Б.В. Тарафи объективии ҷинояти ифлос кардани об [Матн] / Б.В. Абдуллозода // Рушди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6-уми октябри соли 2022) / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 201-207.

3. Абдуллозода, Б.В. Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об аз ифлосшавӣ тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ [Матн] / Б.В. Абдуллозода // Маводи конференсияи ҷумҳурявии илмию назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Масоили мубрами

такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир». – Душанбе, 2023. – С. 309-314.

4. Абдулозода, Б.В. Тарафи субъективии ҷинояти ифлос кардани об [Матн] / Б.В. Абдуллозода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии дар мавзуи «XIII – Ломоновские чтения». – Қисми II: илмҳои гуманитарӣ (ҳуқуқ-иқтисодиёт), – Душанбе, 2023. – С. 7-11.

5. Абдуллозода, Б.В. Тавсифи умумии ҷиноятҳои экологӣ [Матн] / Б.В. Абдуллозода // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – 736 с. – С. 681-685.

6. Абдуллозода, Б.В. Масъалаҳои муайян намудани аломати зарари ҷиддӣ ҳангоми бандубасти ҷинояти ифлос кардани об [Матн] / Б.В. Абдуллозода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон гардидани соли 2024» ва нақши доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор Муллоев М.М. дар рушди илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (22 июни соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 192-198.

Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф дар умум тамоми ҷанбаҳои таҳқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалиро доир ба мавзуъ фаро мегиранд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосие, ки дар диссертатсия баррасӣ шудаанд, асоснок намудани зарурати тавассути қонуни ҷиноятӣ ҳифз намудани захираҳои обӣ, муайян намудани аломатҳои таркиби ҷинояти ифлос намудани об, бармеояд. Дар маҷмӯ таҳлил намудани проблемаҳои қонунбарорӣ ва татбиқи қонуни ҷиноятӣ дар ҳифзи об муҳим арзёбӣ мегардад. Дар натиҷаи таҳқиқот як қатор самтҳои такмили қонуни ҷиноятӣ муайян карда шудаанд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда мумкин аст дар такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ; дар фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ ҳангоми бандубасти ҷинояти мазкур; омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ, таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об аз ҷониби судҳо; ҳангоми таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи обӣ, ҳуқуқи байналмилалии об,

ҳуқуқи экологӣ; дар кори илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба ҳалли минбаъдаи масоили ҳуқуқии ҷиноятии мубориза бо ифлосшавии об истифода шаванд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ мумкин аст ҳангоми таълим дар муассисаҳои олӣ аз фанҳои ҳуқуқшиносӣ – ҳуқуқи ҷиноятӣ, бандубасти ҷиноятҳои экологӣ, асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо истифода шавад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.**

Диссертатсияи Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», мубрам ба хисоб рафта, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти таъмини амнияти иктисодии кишвар аҳаммияти ҳам назариявӣ ва амалиро доро мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссератсионӣ дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ифода мегардад. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур яке аз аввалин таҳқиқот дар доираи илми ҳуқуқи ҷинояти мебошад, ки ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар асоси ҷамъбасти таҳлилу таҳқиқи илмӣ оид ба мавзуи интихобнамудааш дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф ба хулосаи ниҳоӣ омада дар рисола пешниҳодҳои судманд оварда шудааст. Масалан:

Дар давраҳои гуногуни таърихӣ ва шароити имрӯзаи мамлакатамон об ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ баромад мекунад. Дар давраи амали КҶ ҶШФСР аз соли 1922 то 1926 ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об ё тавассути татбиқи таркибҳое, ки бавосита баҳри ҳифзи табиат равона гардида, объекти бевоситаашон дигар муносибатҳо ба ҳисоб мерафтанд (масалан, хунукназарӣ, таҷовуз ба моликияти давлатӣ ва ғайра), ё тавассути ҳифзи дигар объектҳои табиӣ (замин, ҷангалзор, олами ҳайвонот ва ғайра) ба роҳ монда мешуд.

2. Бо сабаби аҳаммияти калон доштани арзишҳои обӣ дар Тоҷикистон, дар фарқият аз КҶ ҶШФСР (1922 ва 1926) КҶ ҶШС Тоҷикистон (1935) боби алоҳидаро бо номи «Ҷиноятҳо оид ба об» (боби 10) муқаррар намуда, бевосита ҷавобгариро барои ифлос кардани об дар м. 228 КҶ муайян менамуд.

3. Объекти намудии ҷиноятҳои экологӣ муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳифзи муҳити зистро таъмин таъмин менамоянд. Объекти бевоситаи ҷинояти ифлос кардани об бошад муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи шароити ҳифз, истифодаи оқилона ва тоза нигоҳ доштани объектҳои обӣ дар робита бо муҳити зист ба ҳисоб мераванд.

4. Ба сифати предмети ҷинояти ифлос намудани об ҳама объектҳои обии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбудаи (дар ҳолати сахт, моеъ ва газӣ) дар гардиши обӣ қарордошта ва дар робита бо муҳити зистбуда баромад менамоянд.

4. Ҷинояти дар м.226 КҶ ҶТ муқарраршуда мумкин аст ба объекти факултативӣ низ зарар расонад, ки ба сифати он метавонанд муносибатҳои ҷамъиятии моликиятӣ, муносибатҳои хоҷагидорӣ ва ғайра баромад намоянд.

5. Ба сифати субъекти ҷиноят эътироф намудани шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла барои ҷинояти ифлос кардани об ба принсипҳои қонуни ҷиноятӣ (аз ҷумла, принсипи ҷавобгарии фардӣ) мувофиқ намебошад, бинобар ин айни замон ҷорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахсони ҳуқуқӣ асоснок ҳисобида намешавад.

6. Азбаски қ.1 м.226 КҶ ҶТ дорои таркиби расмӣ буда, дар он оқибати ҷиноят нишон дода нашудааст, бинобар ин он бо гуноҳ дар шакли қасд дар намуди қасди бевосита тавсиф мегардад.

7. Муносибати шахс нисбат ба оқибатҳои ҷинояти ифлос кардани об бояд бо гуноҳ дар шалки беэҳтиётӣ ифода гардад. Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми мавҷуд будани қасди бевоситаи гунаҳгор ба расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ ҷавобгарӣ бояд ҳангоми ҷой доштани аломатҳои дахлдор барои терроризм, таҳрибкорӣ, экосид ё ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ба вуҷуд ояд.

Хулосаҳо ва пешниҳодоти таҳқиқот ба воситаи -заминаҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок гардидаанд. Пеш аз ҳама, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи мухолифат надоштани онҳо бо илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илми криминалогия ва ҳуқуқи ҷиноятӣ ифода меёбад.

Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бодарназардошти хулосаҳои дар боло овардашуда кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва маъқул дониста шуда қарор мекунад:

**Қарор кард:**

1. Диссертатсияи Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба талаботи банди 31-35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти

№267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 20 нафар, аз ҷумла 2 доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 12 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 20 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси №10 аз 28-уми июни соли 2024.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ., дотсент** **Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиби ҷаласа:**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ., дотсент** **Холиқзода Ш.Л.**

**Имзоҳои Раҳмонзода М.Ҷ. ва Холиқзода Ш.Л.-ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

«28» июни 2024 с.

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj